Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, нақша, мазмуни таҳқиқот ва хулосаҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубрамии диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар замони рушди бесобиқаи идеология ва амалҳои экстремистӣ бо истифода аз технологияҳои муосири телекоммуниктсионӣ, воситаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет раднопазир мебошад, зеро бо ин васила садҳо ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ содир гардида, фаъолияти теъдоди зиёди ташкилоти экстремистии байналмилалӣ, ташкил ва ҳамоҳанг гардида истодааст. Таҳдидҳои аз экстремизми иттилоотӣ бавуҷудомада, боиси шомил гардидани ҳазорҳо ҷавонони ноогоҳ ба гурӯҳҳои ифротгаро ва интиқол додани онҳо ба майдони зарухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар гардидааст. Мутаассифона, чунин

таҳдидҳо дар меҳвари ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна рӯйи кор омада, муқовимати идеологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии тамоми давлатҳои минтақа ва ҷаҳонро тақозо менамояд.

Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ имкон фароҳам овардааст, ки бо суръати баланд ва бо хароҷоти кам маводи экстремистиро дар шакли видеонавор, сабти овоз, адабиёт ва ғ. бо таври густурда тарғибу ташвиқ намоянд, ҷаҳонбинии ҷавонони ноогоҳро дар манотиқи гуногуни дунё тағйир диҳанд ва онҳоро ба мунокишаҳои динӣ-мазҳабӣ ҷалб намоянд. Чунин раванд ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои минтақа бевосита таҳдид менамояд. Зеро ақидаҳои таҳрифшудаи динӣ-мазҳабӣ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ равона буда, дар ботини ҷавонон кинаву адоватро барангезонда, онҳоро ба бегонапарастӣ, хушунат ва зӯроварӣ таҳрик менамоянд. Яке аз тарзи маъмули моилкунии ҷавонони гумроҳшуда ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ аз ҷониби ташкилкунандагон ва идеологҳои гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ бо истифодаи интернет андешаҳои экстремистиро дар байни онҳо паҳн намудан ва ба ин васила онҳоро ба «ҷиҳоди мусаллаҳона» даъват намудан мебошад.

Муаллиф комилан дуруст меафзояд, ки содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта бо истифодаи аз ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет далели возеҳи як қатор кирдорҳои хусусияти экстремидошта мебошад, ки дараҷаи хавфи ҷамъиятии онҳоро зиёд месозанд. Зеро ҷиноятҳои мазкур асосан бо мақсади ба тафаккури табақаҳои васеи ҷомеа расонидани таъсири номатлуб бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет содир карда мешаванд. Зиёд будани теъдоди чунин ҷиноятҳо дар як вақт ҳам усули кирдор ва ҳам муҳити амалишавии онро возеҳ месозад.

Содир шудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет хатари ин гуна ҷиноятҳоро рӯз аз рӯз афзун месозад, зеро шабакаҳои интернетии гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ босуръат афзоиш ёфта, дастрасии чунин интернет-захираҳо барои ҷавонон хеле содда ва осон буда, аксарияти онҳо бо номҳои мустаъор аз дохил ва хориҷи кишвар фаъол мебошанд. Ошкор намудани чунин ҷиноятҳо вақти зиёд, мутахассисони касбӣ, қувваву воситаҳои зарурӣ ва маблағгузории муайянро тақозо менамояд. Инчунин, нишонаи ҳуқуқии чунин шабакаҳои иҷтимоӣ, ки экстремистон бо номҳои мустаъор ва аксҳои сохта аз онҳо хеле васеъ истифода менамоянд, дар хориҷи кишвар воқеъ буда, барои ошкор кардани чунин ҷиноятконрон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо, мушкилоти муайяни кадрӣ, ташкилӣ, тактикӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва техникиро ба вуҷуд меоранд.

Бояд зикр кард, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ содир мешаванд, рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, мутаносибан хатари онҳо низ барои ҷомеа ва давлат меафзояд. Ба омори расмӣ назар андозем, маълум мегардад, ки дар соли 2014 – 143 ҷиноят бо аломатҳои мазкур содир шуда, танҳо дар 10-моҳи соли 2024 бошад, теъдоди онҳо ба 1102 расидааст, ки аз баҳснопазир будани мубрамии мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории зиддиэкстремистӣ, маводи тафтишотиву судӣ, пурсиши мутахассисони касбӣ, ки аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд, собит месозад, ки муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистии дар моддаҳои 189, 307, 307(1) 307(2) ва 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, нокомил ва баҳсбарангез мебошанд. Ба андешаи ӯ аломатҳои таркиби моддаҳои 189, 307, 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозбинӣ ва мукаммалсозиро дар доираи як моддаи мустақил тақозо

менамоянд, ки хеле ҷолиби диққат мебошад. Зеро далелҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бо талаботи бунёдии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат намуда, бо маводи таҷрибаи судӣ ва пурсишҳои сотсиологӣ аосонок карда шудаанд. Чунин мавқеъгириро муаллиф нисбат ба мавҷудияти духӯрагӣ байни моддаҳои 307(2) ва 307(3) **КҶ ҶТ**-ро низ таҳқиқ намудааст, ки он аз ҳадафмандона мавриди омӯзиш қарор додани масоили мазкур ва мустақилияти эҷодии муаллиф дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Саҳми муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқот хавфи ҷамъиятӣ, танзими ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ ва таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии он, ҳамчунин проблемаҳои квалификатсияи экстремизми иттилоотӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Навгонии диссертатсия дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд, ки чанде аз онҳоро манзур намудан бомаврид аст:

1. Аз сабаби он, ки мафҳуми «экстремизми иттилоотӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надорад, он ҳамчун мафҳум барои истифода дар қонунҳои зиддиэкстремистии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин шакл оварда шудааст: «Экстремизми иттилоотӣ – фаъолияти пинҳонӣ ва ё ошкорои шахс бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, ки ба таҳриф ва тақаллубкории иттилоот ва паҳн кардани маводи экстремистӣ бо мақсади ба таври оммавӣ барангехтани кинаю адоват аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ (миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ, маҳалгароӣ ва ғ.), аз ҷумла паст задани обрӯ ва эътибори шахс аз рӯйи ангезаҳои зикркарда ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ равона гардидааст, фаҳмида мешавад» (саҳифаи 14).

2. Пешниҳодҳои муаллиф дар мавриди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», яъне пас аз калимаҳои «матбуоти даврӣ» ворид намудани калимаҳои «нашрияи шабакавӣ (интернетӣ)» ва дар м. 2 Қонуни мазкур мафҳуми нав бо номи «нашрияи шабакавӣ (интернетӣ)» бо чунин тарз, яъне «нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) – сайти дар шабакаи алоқаи барқӣ аз ҷумла, интернет, ки дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шудааст ва инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии он дар ҳудуди ҶТ ҷойгир аст, фаҳмида мешавад» саривақтӣ ва зарур буда, асоснок карда шудаанд (саҳифаи 15 ва 16).

3. Пешниҳоди муаллиф ҷиҳати муттаҳидсозии моддаҳои 189, 307 ва 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи як моддаи комил бо номи «Даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ё моил кардани шахс барои амалӣ сохтани чунин ҷиноятҳо ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм» низ хеле ҷолиб ва қобили дастгирист, чунки дар сурати ворид шудани чунин тағйирот ба қонунгузории ҷиноятӣ мушкилоти ҷойдошта дар самти муқовимат ба экстремизм то андозае аз байн рафта, мақомоти ҳуқуқтадбиққунанда ҳангоми бандубасти кирдорҳои шахсони гунаҳгор ба мушкилӣ дучор намегарданд. Аз ҷониби муаллиф масъалаи мазкур бо андешаҳои олимони соҳа, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории зиддиэкстремистӣ, омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқтадбиққунӣ ва пурсишҳои сотсиологӣ асоснок карда шудааст (саҳифаи 16).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нишон дод, ки нуктаҳои илмии рисола, хулосаҳои муаллиф, ки ба таври амиқ дар ҳар як зербоб пешниҳод гардидаанд асоснок буда, мустақилона омода гардидани таҳқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳад. Муҳимтарин нуктаҳои рисола аз ҷониби муаллиф дар шакли

мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш гардидааст.

Диссертант таклиф, пешниҳод, хулоса ва натиҷаҳои худро бо нуқтаи назари олимон, натиҷаи назарсанҷӣ ва оморҳои расмӣ асоснок намудааст.

Ҳамчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссерататсионӣ ба он собит мегарданд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва дигар қонунҳои самтӣ, ба даст омадаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва хулосаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, метавонанд, барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳқиқоти оянда мавриди истифода карор дода шуда, дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳое, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар онҳо аломати экстремизми иттилоотӣ таҷассум ёфтааст, мавриди корбурд қарор дода мешаванд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур метавонад дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва квалификатсияи ҷиноят мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро метавон ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда, Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар ҳуҷҷаҳои хусусияти консептуалидошта, аз қабили стратегияҳо ва барномаҳо мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда.** Диссертант доир ба мазмун ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар доираи таҳқиқот аз ҷониби диссертант монография, дастури илмӣ-таълимӣ, китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ низ ба табъ расонида шудааст.

Мазмуну моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, андешаронихҳои илмӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои илмӣ, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод гардидаанд баёнгари он аст, ки рисола кори мустақилонаи муаллиф мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати рисола, дар он баъзе ҳолатҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки муаллиф бояд ба он таваҷҷуҳ намояд, чунончӣ:

1. Муаллиф дар банди 10-и «пешниҳодҳо оид ба такмилидиҳии қонунгузории зиддиэкстремистӣ» иброз менамояд, ки «аломатҳои таҷассумкунандаи табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ дар доираи моддаҳои 374 ва 462(1) КҲМ ҶТ (қисман), қ. 1 м. 189, б. «г» қ. 2 м. 307, қ. 2 м. 307(1) ва қ. 3 м. 307(3) КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд. Аммо дар диссертатсия бо таври комил маҳакҳои фарқ кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ аз ҷиноятҳои чунин хусусиятдошта, муайян карда нашудаанд, ки дар ҳимояи ошкорои рисола асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

2. Аз таҳлили таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта (моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, 237(1), 242, 243, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4), 398 ва 401(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) чунин бармеояд, ки маҳаки асосии муайян намудани тамоми ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, барангехтани кинаву адоват аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ маҳсуб ёфта, аломатҳои экстремизми иттилоотӣ танҳо дар таркиби моддаҳои 189, 307, 307(1) ва 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгузин мебошанд. Аммо новобаста ба он, ки дар моддаи 334(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ, аз ҷумла, тавассути шабакаи интернет ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст ва имрӯз ба роҳ мондани таълимоти ғайриқонунии динии хусусияти экстремистидошта бо истифода аз шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет ба воқеъияти рӯз табдил ёфтааст, мавқеи муаллиф вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 307(4) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муқаррар сохтани аломатҳои таркиби ҷиноят оид ба «истифодаи воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет» норавшан аст (С.66).

Ба андешаи мо, хуб мешуд масъалаи мазкур то охир хулосабарорӣ карда шуда, ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ ба яке аз нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, манзур карда мешуд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 147 таҳқиқоти диссертатсионии хеш аз муқарраароти Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки «моддаи 347 (даъвати оммавӣ ба экстремизм ё сафедкунии оммавии экстремизм ва ё ташкили таълими хусусияти динии экстремистидошта) ва моддаи 344 (тарғиб ё даъвати оммавӣ барои ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият, ҳамчунин, ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият ва ё бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё фаъолияти ҷудоихоҳӣ), нисбат ба моддаҳои амалкунандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3) ва 307(4) дорои ҳудудҳои мушаххастар буда, барои ҳуқуқтатбиққунандагон фаҳмотар мебошанд». Аммо мавқеи муаллиф бо далелҳои кофӣ равшан нашудааст, ки дар рафти ҳимояи ошкорои рисолаи диссретатсионӣ асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида баҳснок буда, дар умум ба арзиши таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Ш.Т. таъсири манфӣ намерасонанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.**

Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Сохтори рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва замима иборат буда, ба талаботи рисолаҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ мебошад. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур 222 саҳифаро ташкил медиҳад.

Мазмуни автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷумла, мазмуни мухтасари муқаддима, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Қисми хотимавии тақриз.** Ҳамин тариқ, натиҷаҳои аз таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда дар рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва зиддиэкстремистӣ, фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ ҷиҳати бандубасти дурусти кирдорҳои шахсони гунаҳгор аҳаммияти муҳим доранд. Дастовардҳои муаллифро метавон ҳамчун заминаи боэътимод дар омода намудани корҳои илмии минбаъда истифода бурд, чунки натиҷаҳои бадастовардашуда аз ҷониби муаллиф асоснокии худро пайдо намудаанд.

Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо «Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26

июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
мудири кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Имзои У.А. Азиззодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

« 14 » 02 соли 2025

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734023 (ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак. Телефон: (+992) (37) 221-77-11, (+992) 907 81-12-85. E-mail: ubaidullo_azizov@mail.ru